**ТАҚРИЗИ**

мукаррризи расмӣ ба рисолаи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст

***Мубрамии мавзуи тахқиқот.*** Рисолаи илмии унвонҷӯ Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ” ба таҳқиқу коркарди роҳу воситаҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ ва фароҳам овардани шароитҳои педагогии ташкили тарзи ҳаёти солим дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бахшида шудааст.

Дар ин радиф муҳаққиқ қайд намудааст, ки афзалияти давраи томактабӣ инкишоф ва нигоҳдошти сатҳи саломатии кӯдакон, ташаккул додани малакаҳои тарзи ҳаёти солими онҳо, инчунин зарурати мунтазами иҷрои машқҳои ҷисмонӣ мебошад. Бо дарназардошти аҳамияти тарзи ҳаёти солим барои саломатии миллат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” (аз 30 декабри соли 2021, № 56) [26] дар давраи сеюм қабул намуд .

Ҷиҳати иҷрои талаботҳои барномаи мазкур унвонҷӯ Шарифзода Наргис Достӣ дар рисола баррасии паҳлуҳои гуногуни ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ташаккули муносибатҳои навинро ба масъалаи мазкур тавассути принсипҳои тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи маърифати тарзи ҳаёти солим, тағйир додани муносибат ба саломатии онҳоро баррасӣ намудаст. Тавассути барнома дар муассисаҳои таълимии томактабӣ чорабиниҳоро оид ба дарки моҳияти тарзи ҳаёти солим тавассути ҷорӣ намудани барномаҳои самарабахши таълимию тарбиявӣ оид ба тарғиби тарзи ҳаёти солим ба роҳ мондаст.

Зимни омӯзиш ва таҳлили рисолаи илмӣ Шарифзода Наргис Достӣ муайян карда шуд, ки ӯ мувофиқи ҳадафҳои дар назди худ гузоштааш аз ҷиҳати илмӣ ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро таҳлил ва дар асоси маводи таҳлилшуда шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти

солимро дар кӯдакони синни калони томактабӣ коркард ва татбиқ намудааст.

Дар чараёни таҳқиқот муҳаққиқ ба он муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқоти илмии психологӣ–педагогӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вазъ ва масъалаи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бо истифода аз технологияҳои педагогӣ ва таҷрибаи муҳаққиқони хориҷию пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлилу коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаро дар шакли хулосаю тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод намояд. Махсусан, муносибатҳои таблиғотии ташаккули тарзи ҳаёти солимро дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ Ш.А.Сафаров, И.Х.Каримова, Б.Р.Қодиров, Д.Каримова, Ф.Қурбонов, Ф.Партовов, Б.Ашурова, Б.Боев, Л.А.Губанова, А.К.Бобоҷонова, И.Бобоева, М.Суяркулова ва дигарон ҳамаҷониба дида баромадаст.

Фарзияи таҳқиқот аз он иборат аст, ки истифодаи технологияҳои педагогӣ ба ҳамкории зичи мутахассисони муассисаҳои томактабӣ ва волидон ҷиҳати ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим, барои ташаккули фарҳанги нигаҳдории тандурустӣ ва инкишофи ҷисмонии кӯдакон мусоидат мекунанд, ба шарте, ки ҳангоми таҳияи амсилаи педагогии «Ташкили кор оид ба ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони 5-7 сола» технологияҳои педагогии таъмини муҳити солим бо назардошти синну сол ва фаъолияти кӯдакон истифода шаванд. Инчунин, самаранокии амсилаи педагогӣ тасдиқ гардида, дар асоси он тавсияҳо барои васеъ истифода бурдани мутахассисон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ таҳия карда шуда, санҷиши барномаи «Саломатии кӯдакон - боигарии миллат аст» гузаронида шаванд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада** ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд дуруст ва фарогири ҷанбаву ҷонибҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсия мебошанд. Аз ҷумла:

- усулҳои самараноки ташкили корҳои тарбиявӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва фароғатӣ дар кӯдакистон дар ҳамкорӣ бо мураббиён, волидони тарбиятгирандагон, равоншиносон ва кормандони тиб муайян шуд;
- амсилаи «ташаккул додани асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакон» ҷорӣ карда шуд, ки сохтори он ҷузъҳо, робитаҳо ва мундариҷаро дар бар мегирад, ба нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатии кӯдак мусоидат намуд;

- ҳамкории самарабахши байни оила ва муассисаи томактабӣ тибқи барномаи кории «Саломатии кӯдакон - боигарии миллат», ки мундариҷаи он вохӯриҳои волидайн, суҳбату машваратҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ, рӯзҳои дарҳои кушод, вохӯриҳо бо мутахассисон, аз ҷумла кормандони тиб ва равоншиносонро дар бар мегирад, таъмин гардид;
- тибқи амсилаи педагогӣ мазмуни фаъолият муайян карда мешавад, ки асоси онро инкишофи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва равонии кӯдакон, риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ, реҷаи ҳаррӯза, таъмини ғизои солим, сайру гашт дар ҳавои тоза, кори инфиродӣ бо бачаҳо, тарбия ва инкишофи кӯдакро ташкил гардид;
- ба волидон дар суҳбату вохуриҳо ва баргузории чорабиниҳои гуногун оид ба моҳияти тарзи ҳаёти солим, мафҳуми гигиена, тозагӣ ва аҳамияти он барои саломатии фарзандон, пешгирии бемориҳо ва ғайра фаҳмонида шуд.

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ - озмоишии баргузорнамудаи унвонҷӯ, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Бо назардошти ин, унвонҷӯ Шарифзода Н.Д. кӯшиш намудааст, ки дар ҷараёни кори таҷрибавӣ-озмоишӣ шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солимро дар кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди санҷиш қарор диҳад, зеро онҳо воситаи босамари ташаккули ҷисмонию равонии кӯдакони синни калони томактабӣ мебошанд.

***Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ, хулоса ва*** *тавсияҳо* аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ ба таври муфассал таҳқиқоти анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ оид ба ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солимро дар кӯдакони синни калони томактабӣ омӯхта ва таҳлил карда, дар ҳамин асос нуқтаи назари илмии худро пешниҳод намудааст.

Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқот ягон шубҳаро ба вуҷуд намеорад, унвонҷӯ қобилияти хуби таҳлилу хулосабарориро дорост, ки ин аз дониши хуби назариявӣ доштани ӯ гувоҳӣ медиҳад. Пояи илмии таҳқиқот, татбиқи амалии он, методҳои таҳқиқот, анҷоми ҳар як давраи таҳқиқот давоми мантиқии якдигар буда, ба талаботи қабулшуда нисбат ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошанд.Хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки диссертант ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл ва дар

амал тасдиқ намудааст. Аз ин нуқтаи назар месазад, ки таҳқиқоти мазкурро ниҳоят мубрам, нававар ва дархури ниёзҳои таҳсилоти томактабӣ арзёбӣ кунем.

***Арзишмандии таҳқиқоти мазкурро*** бо таври зайл арзёбӣ метавон кард, ки масъалаи тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ ва нақши он дар самарабахшии фаъолияти таълимию тарбиявӣ мавриди назар қарор ёфтааст.

Тарҳи рисола тибқи талабот ба диссертатсияҳои номзадӣ рехта шуда, он аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса, руйхати адабиёти истифодашуда ва замима таркиб ёфтааст. Дар муқаддима аҳамияту дарачаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ дуруст муайян карда шудаанд.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия талабот доир ба иҷрои кори таҳқиқотӣ риоя гардида, ҳар бобу зербоб бо низоми муайян пай дар пай ва бо алоқамандии мантиқӣ оварда шуданд.

Дар боби якум - **“Асосҳои назариявии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ”** масъалаҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар адабиётҳои педагогӣ, психологӣ ва методӣ, мавқеи оила ва муассисаи таълимии томактабӣ дар ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солими кӯдакон, технологияи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ баррасӣ гардидааст.

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки рушди чисмонии кӯдак ба бисёр омилҳои берунӣ ва дохилӣ, аз қабили речаи ҳаррӯза, сайру гашт дар ҳавои тоза ва тарбияи чисмонӣ вобаста аст. Пайдо шудани бемориҳои системаи марказии асаб, тағйирот дар системаи эндокринӣ, сироятҳои чиддии роҳи нафас ва рахит бо инкишофи чисмонии кӯдакон алоқаманд аст.

Яке аз қисмҳои таркибии тарбияи чисмонӣ ин саривақт ташаккул додани як қатор малакаҳои маданӣ-гигиенӣ мебошад. Мавчуд будани одатҳои тоза нигоҳ доштани либос, дастро пеш аз хӯрокхӯрӣ шустан ва ғайраҳо барои пешгирӣ намудан ва бартарафшавии бемориҳо ёрӣ мерасонанд. Таъмин намудани саломатӣ ва муътадил инкишоф додани чисми кӯдакони хурдсол, инчунин инкишофи дурусти фаъолияти психикию равонии онҳо пеш аз ҳама вазифаи асосии таълиму тарбия ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, дар “Стандарти нкишоф ва рушди барвақтии кӯдак (аз таваллуд то 7(6) сола” ва барномаи кӯдакистон “Рангинкамон”

ба ҳифзи саломатӣ ва фароҳам овардани шароит барои инкишофи ҷисмонии кӯдакон диққати махсус дода шуда, оид ба корҳои солимгардонию обутобдиҳӣ, риояи реҷаи ҳаррӯза, таъмини хӯрокҳои гуногуни серғизо, иҷрои машқҳо, назорати тиббию педагогӣ ба инкишоф ва саломатии кӯдак маълумоти муфассал дода шудааст. Қайд мегардад, ки мураббия бояд оид ба самтҳои корҳои тарбиявӣ, ки барои муассисаҳои таълимии томактабӣ муқаррар шуданд, аз ҷумла ташаккули тарбияи майли донишандӯзй, тарбияи маънавию ахлоқй, ҳуқуқӣ, тарбияи меҳнатӣ ва иқтисодӣ, тарбияи ҳисси зебоипарастӣ, тарбияи тарзи ҳаёти солим мухтасар маълумот дошта бошад, ки насли наврасро бояд ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ тарбияву таълим диҳад.

Инкишофи ҷисмонӣ ва асабу психикии кӯдак ба нигоҳубин, парвариш, тарбия ва таъсири калонсолон, муҳити иҳотакарда вобаста аст. Ба ҳисоб гирифтан лозим аст, ки ҷисми кӯдак, махсусан, системаи асаби ӯ қаиш буда, истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили фаъолиятро тақозо мекунад.

Дар боби дуюм **“Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ”** масъалаҳои ташхиси муайнкунандаи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ, технологияҳои педагогӣ ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ баррасӣ мегардад.

Дар раванди кори таҳқиқотӣ барномаи озмоишӣ таҳия ва мувофиқа гардидааст, ки тибқи он бо кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ машғулиятҳои таълимӣ оид ба мақсади таҳқиқот гузаронида шуданд, ки мундариҷа, роҳҳо, усулҳо ва шаклҳои ташкили ҳаёти кӯдакон мувофиқи ҳадафҳои барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон” муайян ва интихоб шуданд.

Дар идома муҳаққиқ қайд намудааст, ки ҳадафҳои таълим дар асоси баҳодиҳии қобилияти ҷисмонӣ ва ақлии кӯдак муайян карда мешаванд, ки татбиқи он вазифаи волидон ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ мебошад. Ҳангоми муайян кардани мақсаду вазифаҳо, инчунин метод ва усулҳои таъсиррасонӣ ба кӯдак ва хусусиятҳои инфиродии ҳар як кӯдак ба назар гирифта мешавад, зеро тартиб додани нақшаҳои фардии инкишофи саломатии кӯдак зимни ба назар гирифтани ҳолати саломатии кӯдакон, қобилиятҳои индивидуалӣ, шавқу ҳавас ва дурнамои инкишофи онҳоро дар мегирад Инчунин, методу усулҳои мусоиди таълимро интихоб кардан лозим аст, ки ба рушди солими кӯдак мусоидат кунанд.

***Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ***, ки дар диссертатсия ва маводи нашргардидаи унвонҷӯ инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои

илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дар бар гирифта, муҳимияти яке аз вазифаи асосӣ — ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим ва Барномаи озмоишии “Ташкили кор оид ба ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони 5-7 сола” мавриди баргузории корҳои санҷишӣ-озмоишӣ тасдиқ намудаст.

Зимни баргузории озмоиш дар муассисаҳои таълимии томактабӣ як қатор мушкилиҳо барои фароҳам овардани шароити муътадил ҷавобгӯ ба ниёзҳои ғизоӣ ва саломатии кӯдак, муҳофизат кардани онҳо аз таҳдидҳои беруна ва фароҳам овардани имконият барои рушди кӯдак тавассути ҳамкорӣ бо калонсолон муайян гардиданд. Дар асоси тадқиқоти илмӣ ва таҷрибаи амалии муассисаҳои томактабӣ исбот шудааст, ки чорабиниҳои махсус ташкил кардашудаи тарбиявӣ воситаи муҳими ғанӣ гардонидани тасаввурот дар бораи ашё ва ҳодисаҳо, ташаккули дониш, малака ва маҳорати аввалини кӯдак мебошад.

Унвонҷӯ бамаврид қайд намудаст, ки ташкил ва идоракунии муҳити солим барои кӯдакони ин синну сол принсипҳо ва хусусиятҳои худро дорад ва ба инобат гирифтани ин хусусияту имкониятҳои шахсии кӯдакон, донистани шаклҳои инкишофи психофизиологӣ, таъсири мунтазам ва доимӣ ба раванди ҳифз ва таҳкими тарзи ҳаёти солими кӯдакон дар ҳамкорӣ бо педагог, падару модарон ва мутахассисони соҳаи тиб бояд ба роҳ монда шавад.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.*** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, ба теъдоди 15 мақолаи илмӣ: 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва 1 дастури методӣ ба табъ расидаанд. Маводи нашршуда мазмуну муҳтавои рисоларо дар бар мегиранд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.*** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

***Эрод ба рисолаи илмӣ ва фишурдаи он.*** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ таҳқиқоти анҷомдодашуда ва автореферати он аз камбудиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар диссертатсия натиҷаҳои ба даст омадаи унвонҷӯ бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои дигар олимон, махсусан муҳаққиқони ватанӣ муқоиса мегардид, ки ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид
2. Барои боз ҳам самараноктар гардидани натиҷаи таҳқиқот ва таъмини мутассилии мавзӯи таҳқиқшаванда, агар муҳаққиқ бархе аз паҳлӯҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солимро дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ пешниҳод менамуд, аҳамияти илмиву амалии таҳқиқоти анҷомдодааш афзун мегашт.
3. Дар диссертатсия баъзе иқтибосҳои овардашуда аз кадом адабиёт истифода шуданд, таҳти рақамгузорӣ қарор наёфтаанд.
4. Дар баъзе саҳифаҳои рисолаи илмӣ ва фишурдаи он хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд. .

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои баёншуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Аз ин лиҳоз, диссертатсия тадқиқоти ба анҷомрасида ҳисобида мешавад. Диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ” кори илмии ба таври мустақилона анҷомёфта мебошад, ки аз рӯи сохтор тибқи талаботи муқарраршуда, омода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи таҳқиқшаванда робитаи бевосита дорад. Диссертатсия аз рӯи мазмуну муҳтаво ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии рисоларо дар бар мегирад.

**ХУЛОСА**

1. Диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ” кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

3. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурой диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо карори хукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра чавобгӯ буда, муаллифи он Шарифзода Наргис Достӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз руйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи педагогика,
психология ва методикаи таълим, ФРЖМ
Донишгохи Славянии Руссия ва Точикистон Курбонова З.Ш.

02.12.2024 с.

**Маълумот барои тамос:**
734025, Ҷумҳурии Точикистон, ш. Душанбе, к. Мирзо Турсунзода 30, телефон:(372213550), почтаи электронӣ: http://www.rtsu.tj

Имзои Курбонова З.Ш.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрхой ДСРТ,
д.и.ф. Рахимов А.А.